«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________________ Давлатзода Қ.Қ.
« ___ » _________ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссеретатсияи доктории Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо.

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо бандҳои: 1. Коркарди масъалаҳои илми идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот. Таърихи афкори идоракунӣ, мактабҳои илмии он, ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият, пайдоишу инкишофи ташкилот ва идоракунии он. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо. Асосҳои фаннӣ ва байнифании идоракуниву ташкили истеҳсолот. Назария ва амалияи идоракунии зиддибӯҳронии ташкилот. Таҳияи моделҳои идоракунии зиддибуҳронӣ; 3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва маҷмааи иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ); 6. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионали ва институсионалии идоракунии ташкилот. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот,

идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯи даврҳои ҳаётии он; 7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ. 8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахши идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқманд; дурнамогирӣ, банақшагирӣ ва идораи равандҳои истеҳсолӣ ва натиҷаи онҳо. Назорат, мониторинг ва татбиқи муносибатҳои бенчмаркинг дар низоми идоракунии ташкилот. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии равандҳои истеҳсолот, низоми муосири истеҳсолӣ; 15. Хусусиятҳои идоракунии маҷмааҳо (КАС, нақлиёт, энергетика, сохтмон ва ғ). Таҳқиқи самаранокии иқтисодии шаклҳои нави ташкили боркашонӣ, сохтмони соҳаи нақлиёт ва таъмири воситаҳои нақлиёт. Механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии маҷмааҳо. Ташкил ва идоракунии инфрасохторҳои бозор ва ташкилотҳои соҳаҳои хизматрасонӣ (бонк, сугурта, инноватсия ва ғ.) мувофиқат менамояд.

## 2. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, ташаккули бозори хизматрасонии нақлиётӣ якҷоя бо рушди соҳибкорӣ ва рақобат, шароити фаъолияти нақлиёти ҷумҳуриро тағйир дод.

Таҳлили таъсири ҳолати роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан ва аэродромҳо ба иқтисодиёти дигар кишварҳо нишон дод, ки рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ хароҷоти тиҷорати дохилӣ ва хориҷиро ба таври назаррас метавонад коҳиш диҳад. Аммо, бояд қайд кард, ки масъалаҳои таъсири комплексии ташкилоти ҳудудии истеҳсоли хизматрасонӣ инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ ба таври мукаммал таҳқиқ нашудааст.

Аммо, мушкилоти пайдошудаи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳо ва дар маҷмӯъ дар кишвар, бо сабаби номушахас боқӣ мондани таърифи мафҳуми хизматрасонии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва дар баъзе ҳолат аз набудани муҳити созгори институтсионалии ба шароити нав мувофиқ, инчунин механизмҳои зарурӣ, ки иҷрои қонунҳои дахлдорро таъмин мекунанд, меъёрҳо ва қоидаҳои таъмини рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси тавсеаи истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсияи доктории мазкур раванди истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун системаи мутобиқсозии иқтисодиёт ба фазои иҷтимоию иқтисодии ташкилотҳои

мушаххаси ҳудудӣ, ки барои қонеъ кардани талаботи ҷомеа ва давлат ба хизматрасониҳои инфрасохтории баландсифати истеъмолӣ пешбинӣ шудаанд, пешниҳод карда шудаанд.

Бинобар ин, зарурати амиқтар дарк кардани хусусиятҳои муайян, ташаккул ва ташкили истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, инчунин аҳамияти баланди он барои дигаргунсозии сохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи доктории Бобозода Комил Олимҷонро муайян карданд.

## 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Дар диссертатсия асосноккунии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф бо тасдиқи ҳисоботи аввалияи оморӣ ва истифодаи усулҳои умумии қабулшудаи коркарди маълумотҳои оморӣ вобастааст, усулҳои муқоисавӣ ва таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ, ҷамъбасти шумораи кофии манбаъҳои чопӣ оид ба масъалаҳои тадқиқоти диссертатсияи докторӣ асоснок карда шудаанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуқтаҳои зерини ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ҳамчун таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд инъикос ёфтааст, ки воқеан, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст:

-асосҳои назариявии дигаргунсозии иқтисодиёт, ташаккули кластерҳои ҳудудию соҳавӣ, ки хусусияти худташкилкунии онҳо бо рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодии ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зич алоқаманд аст, омӯхта шудаанд;

-дар асоси таҳлили муқоисавии назарияҳои мавҷуда ва консепсияҳои муосири ташаккули бозор моҳияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун системаи мураккаби кушод, ки иқтисодиёти субъектҳои ҳудудиро ташаккул медиҳад, пурра карда шудааст;

-асосҳои методологӣ муайян шуда, принсипҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири маҳсулоти он ба рушди иқтисодӣ бо назардошти тафсири муаллифии хусусиятҳои аслии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва маҳсулоти он ифода карда шудаанд;

-ҳолати кунунӣ нишон дода шудааст ва тамоюли дигаргунсозии сохтории бозори фаъолияти намудҳои нақлиёт ва хусусияти зуҳури муносибатҳои квазибозорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ошкор карда шуд;

-омилҳоеро, ки хусусияти фаъолияти бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро муайян мекунанд, бо ифшои мазмуни онҳо муайян ва ба таври муназзам пешниҳод гардидаанд ва он имкон дод, детерминантҳои ташаккули бозори интиқол асоснок карда шаванд, инчунин мавқеъ ва

аҳамияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҷараёни трансформатсияи ҳудудии иқтисодиёт муқаррар гардид;

-ҷанбаи прагматикии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз нуқтаи назари баҳодиҳии таъмини ҳудудҳо бо ин маҳсулот ва омилҳое, ки тафовути ҳудудии онҳоро муайян мекунанд, инчунин бо маълумот оид ба дараҷаи қобилияти гузарониши ҳудудии маҳсулот ва хавфҳои махсус дар минтақаҳои фурӯши маҳсулоти инфрасохтори рӯйизаминии нақлиёти автомобилӣ нишон дода шудааст;

-тасвири типологии моделӣ дар бораи дараҷаи таъсири параметрҳои миқдорӣ ва сифатии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудҳо дар асоси муносибати методӣ ба ташаккули доираи инфрасохтории системаи нақлиёти автомобилӣ дар ташкили кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ, ки аз ҷониби муаллиф ифода гардидааст, дода шудааст;

-тадбирҳои дастгирии давлатии таҷдиди сохтори истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси татбиқи принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади баланд бардоштани аҳамияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар рушди ҳудудҳо, инчунин дар ташаккули иқтидори транзитии кишвар пешниҳод шуданд;

-асосҳои консептуалии таъмин намудани шаклҳои инноватсионӣ ва механизмҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ ва диверсификатсияи фаъолият бо назардошти аутсорсинг ва бенчмаркинг ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо системаҳои гуногуни барпо намудани раванди интиқол таҳия карда шуданд;

-методологияи татбиқи усули бенчмаркетингӣ бо назардошти истифодаи хусусиятҳои фазоӣ-вақтӣ таҳия карда шудааст, ки имкон медиҳад, то ҳалли стратегии масъалаҳои рушди оптималӣ ва ҷойгиршавии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳо мувофиқи талаботи иқтисодиёти минтақа ва дар фаъолияти интиқоли нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шавад.

## 4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии натиҷаҳои тадқиқот дар таҳияи муқаррароти илман асоснокгардида ва методологии дар диссертатсия пешниҳодгардида ба рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки ба тавсияҳо ва пешниҳодоти мушаххас барои идора кардани ташаккул ва рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ - иқтисодӣ, ҳудудӣ ва эҳтиёҷоти объективии иқтисодиёти трансформатсионии бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот боз дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии пешниҳодшуда барои муайян намудани татбиқи васеи натиҷаҳои кор, инчунин хароҷоти нақлиётӣ барои фурӯши маҳсулот дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалии интиқоли бору мусофирон ба таври

назаррас коҳиш ёбад, чараёни татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ суръат бахшида шуда, шаклу усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ амалӣ татбиқ карда шавад.

Натичаҳои бадастовардаи муаллиф ва муқаррароти алоҳидаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар мактабҳои олӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми хондани фанҳои таълимии «Курси умумии нақлиёт» аз рӯйи ихтисосҳои нақлиётӣ ва «Иқтисоди инфрасохтор» аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодии мактабҳои олӣ истифода мешаванд.

**5. Дарачаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешноҳодот**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда асосҳои методологӣ ва амалии таҳқиқот, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, инконият медиҳанд, ки натичаҳои судманди илмӣ дар самти ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир асоснок ва пешниҳод намудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усулҳои таҳлили иқтисодӣ, системавӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ ва картографӣ, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ истифода шудаанд.

Шиносои бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо иборат аст. Кор дар 385 саҳифа, 64 ҷадвал, 15 расм ва 10 замима оварда шудааст. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда аз 404 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи таҳия шудан, мақсад ва вазифаи он асоснок карда шудаанд, асосҳои методологӣ ва методии тадқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он баён карда шудаанд.

Дар боби якум "Асосҳои назариявии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ" масъалаҳои вобаста ба ошкор намудани асосҳои назариявии дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисоди миллӣ таҳқиқ карда шуданд, мутобиқсозии иқтисодиёт ба шароити истеҳсоли хизматрасониҳои

инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ барои тағирёбии сохтории иқтисоди миллӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба тафсири моҳияти иҷтимоию иқтисодии мафҳуми "инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ" дар таҳқиқотҳои назариявии диссертатсия мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуданд.

Боби дуюм "Методология ва методикаи баҳодиҳии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ" ба таҳлили аҳамияти макроиқтисодии хизматрасонихои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бахшида шудаанд. Таҳлили омилҳои сохтории ташаккул ва рушди истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, муайянкунии шакли ташкилию функсионалии хизматрасониҳо ва ташаккули механизми ҳамкории талабот ва пешниҳоди хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар шароити муносибатҳои квазибозорӣ гузаронида шудаанд.

Дар боби сеюм "Вазъи муосири ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон" таҳлили таъмини ҳудудҳо бо хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ арзёбӣ карда шуда, таҳлили гузариши ҳудудӣ ва хавфҳо ҳангоми истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ амалӣ карда шудаанд, самтҳои рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар қаламрави минтақаҳои суст тараққиёфта ва нав ба вуҷуд омадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд.

Дар боби чорум "Самтҳои инноватсионии рушди ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон" таъсири параметрҳои шабакаи нақлиётии такягоҳӣ ба сифати хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, аҳамияти хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъсири рушди майдони инфрасохтори системаи нақлиётӣ ба рушди иқтидори транзитии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ карда шудаанд.

Дар боби панҷуми диссертатсия "Роҳҳои ташкили самароноки фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Тоҷикистон" ислоҳоти институтсионалӣ-сохтории системаи идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомбилӣ (системаҳои холдингии ташкил ва идоракунӣ) пешниҳод карда шуда, хусусиятҳои татбиқи принсипҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ ҳангоми истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, инчунин масъалаҳои аутсорсинги хизматрасониҳо ва бенчмаркинги хароҷот барои истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муайян карда шудаанд.

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшавандаи мазкур чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар кор маълумот дар бораи дороиҳои роҳҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда

шудаанд, аммо баъзе аз ин маълумоти муҳим дар таҳлили ташкили ҳудудии истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ истифода бурда нашуданд.

2. Дар матни диссертатсия истифодаи худсаронаи истилоҳоти омехта мушоҳида мешавад, масалан, дар баъзе ҷойҳо истилоҳи ҳудудӣ-нақлиётӣ, дар ҷойҳои дигар истилоҳи нақлиётӣ-ҳудудӣ, инчунин нақлиётӣ-инфрасохторӣ ва нақлиётӣ-географӣ истифода мешавад, ки дарки мавзӯи тадқиқоти муаллифро душвор сохтаанд.

3. Дар таҳқиқи масъалаҳои истифодабарии амсилаҳои шарикии давлатию хусусӣ дар мавриди истифодаи бепули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ диққати лозим дода нашудааст.

4. Маводҳои зербоби 3.3 ба таври возеҳ баён карда шудааст, аммо агар афзалиятҳои асосии рушди истеҳсоли хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшантар ва ба таври системавӣ баён мегардид кори таҳқиқоти сифатан беҳтар мегардид.

5. Зербоби 4.3 “Бенчмаркинг дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ” номгузори гардида, дар он истифодабарии бенчмаркинг дар идораи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ пурра асоснок нагардидааст.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Бобозода Комил Олимҷонро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсияро метавон таҳқиқоти ба итмомрасида номид, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

Аз рӯи маводи диссертатсия 41 асари муаллифӣ бо ҳаҷми умумии 40,6 ҷ.ч., 2 монография, аз он ҷумла, 26 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 26 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 монография чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байнанмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърузаҳои илмӣ баён шудаанд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи мақарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисдӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10.Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Бобозода Комил Олимҷон сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 7 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-7 нафар “зид”-нест “бетараф”-нест (Суратҷаласаи №8, аз 6 марти соли 2024).

Раиси ҷаласа,
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт
ва логистикаи нақлиётии
ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Мирзобеков Х.Д.

Ташхисгар:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор,
мудири кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи
нақлиётии ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Ҳамроев Ф.М.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёт
ва логистикаи нақлиётии ДТТ
ба номи академик М.С.Осимӣ Гадоева Ф.С.

Имзои Ҳамроев Ф.М., Мирзобеков Х.Д ва Гадоева Ф.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Қодирзода Н.

Суроғаи донишгоҳ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10, саҳифаи интернетӣ ttu@ttu.tj Телефон: (992372) 221-35-11